16 08 2018



**Оини дӯстёбиву дӯстнавозӣ ва фарханги хамсоядории точикон решаи кадима дорад ва ситоиши ин расму таомули ачдодӣ асрхои аср осори бузургтарин суханварони моро оро дода, чун васият ё панди гаронбахо ба гӯш мерасанд. Овози нарму пурхиссиёти Одамушшуаро устод Рӯдакист, ки карнхо аз дил ба дил накш мегузорад:**

Хеч шодӣ нест андар ин чахон
Бартар аз дидори рӯи дӯстон.
Андешаи шайхи оламдидаву одамозмуда – Саъдии Шерозӣ дар ин мавзӯъ чунин аст:
“Дили дӯстон озурдан муроди душманон баровардан аст”.
Хушдор ва таъкиди лисонулгайб Хофизи Шерозӣ асрхо боз на танхо ба мардуми мо, балки ба оламиён фалсафа, хадафи зиндагии одамизодаро мефахмонад:
Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад,
Нихоли душманӣ баркан, ки ранчи бешумор орад.
Ва ё:

Дар замири мо намегунчад ба гайр аз дӯст кас,

Хар ду оламро ба душман дех, ки моро дӯст бас.
Мавзӯи гиромидошти дӯст ва таргиби дӯстии халкхову тахкими он дар замон ва мархилахои гуногуни таърихӣ барои нарму гуворо шудани хаёти мардум, хамзистии осоишта дар ашъори шоирони башардӯст бо рангу бори тоза чило дода. Ва ин падида садокати ахли хираду сухани точикро ба панди ниёкони сохибномашон нишон медихад. Яъне, пайгирӣ ва идомаи мантикии оини дӯстёбиву дӯстнавозӣ дар мархилахои дигари сиёсиву ичтимоӣ. Сарояндаи сулху дӯстии халкхо устод Мирзо Турсунзода басо содаву оммафахм ба хамзамонон ва наслхои оянда таъкид кард:      Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт,
Душманӣ орад ба мардум рӯзи сахт.
Ва ё:
Дӯст ояд, гарм дар огӯш гир,
Расми хуби точиконро гум макун.
Оре, бузургони илму адаб, шахсиятхои дурандеши сиёсӣ дар холатхои печидаву хассоси таърихӣ ба хар дастур барои фарохам овардани шароити созгори хаёти халкхо, муносибати солиму робитахои дилхох талош варзидаанд. Шоирони классику муосири мо аз рӯи рисолати инсонӣ дӯстиву бародарии халкхоро пайваста тараннум кардаанд. Муносибати содиконаи устодӣ ва шогирдии Мавлоно Абдурахмони Чомӣ ва Мир Алишер Навоӣ намунаи барчастаи дӯстии халкхои точику ӯзбек махсуб мешавад, ки ин дар сарчашмахо сабт гардидааст. Вокеан, сарнавишти таърихии халкхои точику ӯзбек мисли тору пуд ба хам печидааст. Дар замони пурошӯб, огози поягузорӣ ба адабиёти муосир, яъне адабиёти сотсиалистӣ Садриддин Айнӣ чун пири хирад ва донандаи хуби забони ӯзбекӣ ба хамкаламони ӯзбекаш то чое барои равнаки эчодиёташон мадади бегаразона расонд, ки чун поягузори адабиёти навини ӯзбек ва устоди бисёр адибони ин халк эътироф шуд. Манзур робитахои адабии ду халки асрхо хамсоя, дорои расму таомули муштарак мебошад.
Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Бокӣ Рахимзода, Сотим Улугзода, Чалол Икромӣ, Рахим Чалил, Фотех Ниёзӣ... солхои сол бо Гафур Гулом, Хамид Олимчон, Абдулло Кодирӣ, Зулфия ... хусни ошноӣ доштанд ва аз дастовардхои эчодии якдигар шод шуда, намунахои бехтарини осорашонро тарчума ва дар лахзахои зарурӣ хамдигарро дастгирӣ низ мекарданд. Ва ин хам хакикат аст, ки дар Точикистону Ӯзбекистон адибоне зиндагӣ ва бо забони модарии худ, яъне ӯзбекӣ ва точикӣ эчод карданду мекунанд. Пайванди хешутаборӣ чӣ? Давлатхоро бо амри сарнавишту сиёсат сархад аз хам чудо месозад, аммо падару модар, фарзанд, бародару хохар ва хешону ёрон дар хар холат магар бе ёди хамдигар мезиянд? Умре дар дил бардоштани санги дарду азияти фирок, дар шодиву гами хамдигар ба таври сунъӣ ширкат наварзидан магар талху аламовар нест? Мутаассифона, такрибан ду дахсола байни мардуми Точикистону Ӯзбекистон хамин хел девори сунъии сиёсии чудоӣ комат афрохт ва мардумро бо захри чудоӣ ва фирок талхком сохт. То кай ин холати дилхарош идома меёбад ва аз дидори азизон, рафтуомад бенасиб мегардонад?
Пиру барно интизори нарм шудани муносибатхои давлатӣ ва кушода шудани дару дарвозахои дӯстӣ ва ёру бародарии холисона буданд.

Президенти Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон, ки зотан сулху вахдатпарвар мебошанд, барои амалӣ шудани армони халкхои точику ӯзбек дар хама вазъият пайваста талош меварзид. Зимнан, хамсояро интихоб намекунанд. Хамсоя азалист ва бо он дар фазои сулху дӯстӣ зистан авлотар аст. Аммо садо аз ду каф ва ё даст мебарояд. Хушбахтона, ин фурсати дилхохи таърихӣ баробари ба курсии Президенти Чумхурии Ӯзбекистон нишастани сиёсатмадори некандеш Шавкат Мирзиёев ва сафари расмии эшон ба Точикистон фаро расид.
Ин сафар бо гуфтугӯхои хушки назарфиреб не, бо имзои санадхои мухими таърихӣ аз чониби президентхои мухтарам дар муносибатхои хасанаи хамсоягии Точикистону Ӯзбекистони сохибистиклол огози мархилаи наву нишотовар фарохам овард. Дару дарвозахо ба рӯи халкхои бародар кушода шуд. Бе гирифтани раводид хам метавон ба дидорбинии пайвандон ё сайри шахру чойхои мукаддаси таърихии ду кишвар рафт...
Нияти хайр. Икдоми нек. Хама шоду дуогӯву санохон. Дарди чудоӣ, фирок, гаму ташвиши хазорон одамон аз ду чониб даво ёфт. Ин хизмати таърихии президентхои Точикистону Ӯзбекистон аст.
Ба ростӣ, дар хайати расмӣ ба Чумхурии Ӯзбекистон сафар кардан аз гӯшаи хаёлам намегузашт. Дубора дидани дӯстони хамкалами синнашон ба чое расида, тамошои чойхои таърихии Самарканди бостонӣ ба назарам афсона менамуд. Вале замон ва кӯшиши сарварони батадбир куфлкушои дархои дӯстӣ шуд. Табиати сарвариву давлатдорӣ ачиб аст. Яке дару дарвоза мебандад, пайвандонро аз лаззати дидори хамдигар махрум месозад, дигаре рох мечӯяд, ки мушкилихои сангинро аз байн бардорад ва бо руфтани чангу губори шубхаву нобоварӣ инсонхоро ба мурод расонад. Дили бузургу иродаи махками сарварон ба хамвор кардани роххои дӯстӣ, бунёди пулхои нави вахдати халкхо кодир аст. Ба ин падидаи хуш мо дар мисоли самараи кавлу амали дӯстпарваронаи Президенти Точикистон Эмомалӣ Рахмон ва Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ошно шудем.
Корвони хайати Точикистон, ки ба он намояндагони илму адаб, рохбарони донишгоххо, хунармандони номвар шомиланд, зери рохбарии вазири фарханги Чумхурии Точикистон Шамсиддин Орумбекзода бо пазироии пуртантанаи мизбонон ба шахри Тошкент расид. Ин шахри кадима дар замони сохибистиклолии Чумхурии Ӯзбекистон мисли пойтахти азизи мо – Душанбе аз хисоби афзудани чаман, богу гулзор ва бинохои хуштарху бохашамат, раставу хиёбонхо хеле зебову тамошобоб шудааст. Мизбонон моро аз рӯи барнома аввал ба зиёрат ва тамошои мачмааи кадимаи меъмории “Хазрати Имом” бурданд. Чизи аз хама чолибу хотирмон дар ин чо, ки солхои охир таъмиру бозсозӣ шудааст, осорхонаи нусхахои хурду бузурги Куръони карим ба забони халкхои чахон буд. Аз чумла, бузургтарин нусхаи ин китоби мукаддас дар чанд пӯсти гизол, ки онро соли 1917 бо супориши В. И. Ленин бо эшелони махсус зери мухофизати аскарон аз Русия ба Тошкент оварда, то имрӯз дар сандуки шишагӣ нигох медоранд.
Дидорбинии мо дар “Хиёбони адибон” ва баргузор шудани мулокот дар толори бинои нави Иттифоки нависандагони Ӯзбекистон хуш буд. Сирочиддин Саид – раиси Иттифоки нависандагони мизбонон бо изхори шодӣ аз ташрифи хайати Точикистон махфилро ба забонхо ӯзбекӣ, точикӣ ва русӣ огоз бахшид. Вазири фарханги Точикистон Ш.Орумбекзода, шоирон А.Хаким, З.Атоӣ, адибони ӯзбек аз дӯстии дерини халкхои ӯзбеку точик ва мохияти робитахои адабӣ харф зада, шеърхо хонданд.
Дар сухбати “Мизи гирд”, ки рӯзи дуюми сафар дар толори бузурги мехмонсарои “Интернатсионал” баргузор шуд, дастгирӣ ва хамовозӣ аз икдоми таърихии ду

Президент мухтарам Эмомалӣ Рахмон ва Шавкат Мирзиёев барои гузоштани пойдевори касри нави дӯстиву бародарии ду халки хамсоя – точику ӯзбек, аз байн бардоштани садхои чудой, кушодани роххо, огоз бахшидан ба равуои заминиву хавой саршори шодиву суруру миннатдорӣ буд. Хама бо як овоз изхор медоштанд, ки солхо аз чудой азияти равонӣ доштанд ва бесаброна интизори хамин соату рӯзхои нек буданд. Дар хамоиш вазирони фарханги Чумхурии Точикистон ва Чумхурии Ӯзбекистон, рохбарони академияи илмхо, кормандони масъули сохаи фарханг, адибони маъруф ин сафари дӯстона ва гуфтугӯи озоду муфидро мархилаи нави таърихӣ дар муносибатхои хар ду давлат дар замони истиклол шумориданд. Ва бехтарин шохид пайванди дӯстии ду мутафаккиру шоири бузург Мавлоно Абдурахмони Чомӣ ва Алишер Навоиро оварданд. Онхо намунаи ибрат, пайвандгари дилхо буданд.
Ошной бо Китобхонаи миллии Ӯзбекистон ба номи Алишер Навой, ба хазинаи он бахшидани осори бо забони ӯзбекӣ нашршудаи адибони точик дар Точикистон, сухбату бахсхо дар Академияи илмхои кишвари хамсоя судманд буданд. Шоистаи ёдоварист, ки барои тахкими робитахои адабии ду кишвар имсол як шумораи мачаллаи “Садои Шарк” - и Точикистон ва як шумораи “Чахон адабиёти” - и Ӯзбекистон осори назму насри адибони ӯзбеку точикро дар тарчума нашр кард. Ба кавле дӯстии адибон нишонаи хуби дӯстии халкхост...
Бо самимиёт ба гахвораи тамаддун – Самарканди бостонӣ омадем. Пешвозгирии ботантана. Савту сурудхои ӯзбекиву точикӣ ба гӯш мерасад. Ман бо иштиёк ба чор тараф менигарам. Хар кадам, хар зарра хоки Самарканд таърих аст, таърихи гӯё, таърихест, ки мисли дил метапад, аз чабру чафохои хазорсола хикоят мекунад. Дар хама холат Самарканд худро набохта, устувор мондааст.
Мохи декабри соли 1999 ба ифтихори Чашни садсолагии шоири махбубамон Пайрав Шоири халкии Точикистон зиндаёд Гулчехра Сулаймониро бо чи азобе тавассути катора ба Самарканд оварда будам. Муаллима нотавону хаста буданд. “Бисёр мехохам, ки пеш аз марг оромгохи падарамро зиёрат бикунам, – гуфтанд, – Абдулхамид, ёрӣ расон...”. Хохиши охирон. Хаво сард. Дӯстон, адибони самаркандӣ бо мехр барои амалӣ шудани хохиши шоира мусоидат карданд ва ӯ ба зиёрати турбати падараш Пайрав Сулаймонӣ дар мазори Шохи зинда ноил шуд. Акнун тобистон асту хаво тафсон ва дар кӯчаву хиёбонхои Самарканд гул мавч мезанад. Шахри кадима ободтар шудааст. Моро дар мехмонсарои кухнасохти “Регистон” чо доданд. Ва пас аз хакки намак шудан аз рӯи барнома ба зиёрати “Хазрати Хизр” ва гулгузорӣ ба пояи хайкали ду абармарди олами адаб, тимсоли дӯстии човидонаи халки точику ӯзбек Абдурахмони Чомӣ ва Алишер Навой бурданд. Чун сабади гул ба пояи пайкарахо ниходанд, дар назарам чехраи мармарини ду пири хирад бештар нур гирифт ва табассумашон ширинтар шуду садояшон аз каъри асрхо ба гӯш расид:
Шамъ шав, шамъ, ки худро сӯзӣ,
То бад-он базми касон афрӯзӣ.
***
Он гах, ки Навой лутф созад,
Дилхои шикастагон навозад.
Рӯзи чоруми август пас аз ношто аз рӯи барнома зимни бозгашт моро ба осорхонаи устод Садриддин Айнӣ бурданд. Банда ин соатро бесаброна интизор будам. Росташ, ки домани чил сол пеш ба шарофати дӯсти адабиётшиносам зиндаёд Чӯрахон Бакозода ба дидани осорхонаи устод Айнӣ мушарраф шуда будам. Вале холо ба ин даргохи мукаддас

чун афсуншуда бо эхсос ва хаячони бузург ворид шудам. Гӯшам пур аз садои рохнамост, ки бо забони нависандаи махбуб рӯзгор ва пайкори ӯро ба мо кисса мекунад, лекин пеши назарам чехра ва пайкари пири хирад, захматписанду шердил намоён. Устод Айнӣ дар сангинтарин солхои муборизахои сиёсӣ бехтарин шохкорхои хеш: “Намунаи адабиёти точик”, “Одина”, “Мактаби кухна”, “Ятим”, “Дохунда”, “Кори-ишкамба”, “Гуломон”, “Кахрамони халки точик – Темурмалик”, “Ёддоштхо” ва маколахои арзишмандашонро дар хамин хучрахо болои сандалӣ ва мизаки одӣ навишта, ба мардуми парешонхол рохнамои дилпур шуда буданд. Хар як нигораи хучрахои осорхона: килку рангдон, курсиву миз, айнак, каламдону дафтару дастхат, обчинаку мошинка, курсихои рохату яккаандозхои атрофи хонтахта... розе аз рӯзгори пурбаракат ва ибратомӯзи устод Айнӣ – поягузори адабиёти навини мо, нахусткахрамони Точикистони сохибистиклол дорад. Садриддин Айнӣ бехтарин намунаи шахсияти адабии фидоӣ мебошанд. Вай дар ин даргох, дар хучрахои ин хона адибони солманду чавони точику ӯзбекро пазируфта, навиштахои онхоро хонда, барои комил шудани махорати эчодияшон маслихатхои бедарег додааст. Хангоми сайри Самарканд, ошноӣ бо ёдгорихои таърихӣ, шунидани суханхои пурлутфи сокинон аз пеши назарв симои устод Айнӣ, Пайрав Сулаймонӣ, муаллим Шакурӣ, Хамид Бакозода, Хабиб Юсуфӣ, Абдусалом Дехотӣ, Холик Мирзозода, Фотех Ниёзӣ, Фазлиддин Мухаммадиев, Чӯрахон Бакозода ва бисёр азизони дигар дур намешуданд. Шахри армон...

Пас аз пешин бо бехтарин хотирахо, дил саршори мехру сафо аз пазироии бародаронаи мардуми Ӯзбекистон аз гузаргохи “Чартеппа” ба каламрави Точикистони азиз – Панчакати куханбунёд гузаштем. Дар калби мо, кулли мардуми сулху вахдатпарвари Точикистон, мардуми дӯстнавозу ташнаи робитахои бародаронаи Ӯзбекистони хамсоя як орзу маскан дорад. Болои он пойдевори дӯстиву рафокат, ки Пешвои миллат, Президенти Точикистон Эмомалӣ Рахмон ва Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев гузоштанд, сохтани касри мустахкаму бегазанди дӯстӣ ва парваридани он, ки сарварони хар ду давлат бо умеду нияти нек шинонданд. Карзи инсонӣ ва шахрвандии мост, ки бо мехру самимият кохи дӯстӣ бунёд кунем ва нахли бародариро то човидон сарсабз нигох дорем. Охир мардуми мо, чи хеле мегӯянд: дар зери як осмон мезиянд, кӯху теппахоямон ба такяи хамдигар устуворанд. Муносибати бегубор ва дӯстонаи Точикистону Ӯзбекистон сарчашмаи иктидору оромии хар ду давлат, хушиву осудагии дили халкхоямон хохад буд.

Хулосаи бардошт аз ин сафар ин байти Хоча Хофиз аст:

Дидор шуд муяссару бӯсу канор хам,
Аз бахт шукр дораму аз рӯзгор хам.

12 августи соли 2018, шахри Душанбе

**Абдулхамид САМАД,**
**Нависандаи халкии Точикистон**